**Ф А Р М О И Ш И**
**ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**аз 30 январи соли 2017 № 246 ш. Душанбе**

Дар бораи амалишавии қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28. 01. 2017, №1/16

Бо мақсади амалишавии қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28. 01. 2017, №1/16 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи таҷрибаомӯзии педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқи банди 13-и Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145) ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1.Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28. 01. 2017, №1/16 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи таҷрибаомӯзии педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди амал қарор дода шавад (замима мегардад).

2.Ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди таҷрибаомӯзии педагогии муассисаи таълимиро дар асоси Низомномаи мазкур ба роҳ монанд.

3.Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ (Ф. Ҳайдаров) риояи иҷрои Низомномаи мазкурро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери назорат гирад.

4.Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазир Б. Одиназода гузошта шавад.

Вазир Нуриддин Саид

Муовини вазир
Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ
Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва котибот

**ҚАРОРИ**
**МУШОВАРАИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**28 январи соли 2017 №1/16 ш. Душанбе**

Дар бораи тасдиқи «Низомномаи таҷрибаомӯзии педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Мушоварaи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи «Низомномаи таҷрибаомӯзии педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро муҳокима намуда,

ҚАРОР МЕКУНАД:

1.Низомномаи таҷрибаомӯзии педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2.Ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз рӯи равия ва ихтисосҳои омӯзгорӣ мутахассис омода менамоянд, раванди таҷрибаомӯзии педагогии муассисаи таълимиро дар асоси Низомномаи мазкур ба роҳ монанд.

3.Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ (Ф. Ҳайдаров) риояи иҷрои Низомномаи мазкурро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯи равия ва ихтисосҳои омӯзгорӣ мутахассис омода менамоянд, зери назорат гирад.

4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини вазир Б. Одиназода гузошта шавад.

Раиси ҷаласаи мушовара,
муовини якуми вазир Р. Мирбобоев

Бо қарори мушовараи
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28 январи соли 2017,
№ 1/16 тасдиқ шудааст

# НИЗОМНОМАИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ПЕДАГОГИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲАСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи мазкур дар асоси талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилотии олии касбӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, тартиби ташкил ва баргузории таҷрибаомӯзии педагогиро ба танзим медарорад.

2. Таҷрибаомӯзии педагогии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қисми таркибии Барномаи асосии таҳсилоти олии касбӣба шумор рафта, ҳаҷм, мақсад ва вазифаҳои он тибқи талаботи ҳадди ақали мазмун ва мудариҷаи стандартҳои давлатии таълимииихтисосҳои амалкунандаимуассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муқаррар карда мешавад.

3. Таҷрибаомӯзии педагогӣ ба таҳкими донишҳои назариявии азбаркардаи донишҷӯён дар раванди таҳсил ва такмили малакаю маҳорати амалӣ дар касби интихобкарда равона гардида, бо мақсади аз ҷониби донишҷӯён аз худ кардани касби омӯзгорӣ, нишон додани таҷрибаи пешрафта ва истифодаи он дар корҳои таълимӣ, ҳамзамон дар ниҳоди онҳо тарбия намудани ҳиссу муҳаббат нисбат ба касби омӯзгорӣ ташкил ва баргузор мегардад.

4. Таҷрибаомӯзии педагогӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти томактабӣ, ибтидоӣ ва миёнаи умумӣ (минбаъд муассисаҳои таълимӣ) гузаронида мешавад. Муассисаҳои таълимӣ тибқи қарордод бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун пойгоҳи гузаронидани таҷрибаомӯзии педагогӣ муайян карда мешаванд.

5. Муҳлати баргузории таҷрибаомӯзии педагогӣ тибқи нақшаҳои таълимии ихтисосҳои амалкунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ҳафтаҳои таълими назариявии як даври академӣ (семестр)муайян гардида, сарбории таълимии донишҷӯён аз рӯи ин шакли корҳои таълимӣ вобаста ба курсҳо дар як ҳафта то 10 соат муқаррар карда мешавад.

## 2. ВАЗИФАҲОИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ПЕДАГОГӢ

6. Вазифаҳои асосии таҷрибаомӯзии педагогӣ аз инҳо иборатанд:

- ҷалби донишҷӯён ба раванди таълим дар муассисаҳои таълимӣ;

-фароҳам овардани шароит ҷиҳати истифодаиэҷодкоронаи дониш ва рушди маҳорату қобилияти касбии донишҷӯён;

- мусоидат ба ташаккули ақидаҳои шахсии донишҷӯён оид ба консепсияҳоимуосири таълим ва тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;

-ташаккули қобилияти донишҷӯён барои фаъолияти мустақилона дар самти рушд ва худинкишофдиҳии шахсияти хонандагон, омода намудани онҳо барои фаъолияти навоварӣ (иноватсионӣ) дар соҳаи таҳсилот ва дуруст истифода кардани воситаҳои он;

-рушди маҳорат ва малакаи донишҷӯён ҷиҳати татбиқи муваффақонаи раванди таълиму тарбия;

-ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва ғоявии донишҷӯён, аз худ намудани шаклҳои маъмули фаъолияти тарбияи ғоявӣ;

- бадастовардани сифатҳои касбии омӯзгори оянда, ки ба талаботи ҷомеаи муосир ҷавобгӯ бошанд;

- тарбияи муҳаббат ва иззату эҳтироми донишҷӯён нисбат ба касби омӯзгорӣ;

- ба роҳ мондани фаъолияти амалии донишҷӯён, ташаккули маҳорату малакаҳои касбии онҳо ҷиҳати аз бар намудани усулҳои муосири таълиму тарбия;

- татбиқи амалӣ ва таҳкими донишҳои назариявӣ, ки донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои ҷамъиятӣ, тахассусӣ ва равоншиносиву омӯзгорӣ аз худ намудаанд;

- ба роҳ мондани муносибати педагогии донишҷӯён бо хонандагон ва омӯзиши хислатҳои синнусолӣ ва фардии онҳо;

- коркарди муносибати эҷодӣ ва тадқиқотӣ нисбат ба фаъолияти омӯзгорӣ, аз худ намудани малакаҳои таҳлилӣ вакоркарди натиҷаҳои бадастомада.

## 3. ПРИНСИПҲОИ ТАШКИЛИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ПЕДАГОГӢ

7. Принсипҳои ташкили таҷрибаомӯзии педагогӣ чунинанд:

-мувофиқатии омодагии назариявӣ ва амалии донишҷӯён дар давраи таҷрибаомӯзӣ;

-ба ҳамоии омодагии умумипедагогӣ, психологӣ ва тахассусии донишҷӯён;

-рушди тафриқавии имкониятҳои донишҷӯ ҷиҳати аз худ намудани маҳорату малакаи педагогӣ ва ташаккули сабки инфиродии фаъолияти омӯзгорӣ;

-муносибати муттасил ба ташаккули мазмун ва муҳтавои таҷрибаомӯзии педагогӣ;

# 3. ТАШКИЛИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ПЕДАГОГӢ

8. Муҳтавои таҷрибаомӯзии педагогиро таҷрибаомӯзии таълимӣ-тарбиявӣ, таълимӣ-дарккунӣ, фаъолияти амалии тадқиқотии донишҷӯён, ки ба азхуднамоии муттасили равандҳои педагогӣ ва нақши омӯзгор дар онҳо равона гардидааст, ташкил медиҳад.

9. Масълаҳои умумии ташкили таҷрибаомӯзии педагогӣ:

- таҷрибаомӯзии педагогӣ аз ҷониби шӯъбаи таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавон, садорати факултетҳо, кафедраҳои тахассусӣ ва кафедраҳои умумидонишгоҳии самти педагогӣ-психологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ташкил карда мешавад;
- то оғози таҷрибаомӯзии педагогӣ садорати факултетҳо, кафедраҳои тахассусӣ ва кафедраҳои умумидонишгоҳии самти педагогӣ-психологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ конференсияи ифтитоҳӣ баргузор менамоянд, ки донишҷӯён дар рафти он бо вазифаҳо, мазмун, мундариҷа ва тартиби баргузории таҷрибаомӯзӣ шинос мешаванд;
- барои идораи корҳои таълимию тарбиявӣ донишҷӯёнро дар синфҳо ва зергурӯҳҳо вобаста мекунанд, ки онҳо вазифаи ёвари муаллим, роҳбари синф (мураббӣ, устои таълимӣ-истеҳсолӣ)-ро иҷро мекунанд;
- донишҷӯён-таҷрибаомӯзон корҳои беруназсинфиро иҷро намуда, вобаста ба нақшаи таҷрибаомӯзӣ дар корҳои дигар низ иштирок мекунанд;
- ҳафтаи охири даври академӣ дар факултетҳо конференсияҳои ҷамъбастӣ ва намоиши корҳои дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ иҷрокардаи донишҷӯёну хонандагон гузаронида мешавад;
- конференсияҳои ифтитоҳӣ ва ҷамъбастӣ аз ҷониби роҳбарони гуруҳӣ низ дар муассисаи таълимии пойгоҳӣ дар рӯзҳои ҳафтаи аввал ва ҳафтаи охири даври академӣ гузаронида мешавад.

10. Дар ҳафтаи дуюми даври академӣ донишҷӯён нақшаҳои фардии худро таҳия менамоянд ва ин нақшаҳо аз тарафи роҳбари гуруҳӣ тасдиқ карда мешаванд. Дар давраи гузаштан аз таҷрибаомӯзии педагогӣдонишҷӯён мушоҳидаҳои педагогиро дар рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ ба қайд мегиранд.

11.Фаъолияти донишҷӯён оид ба таҷрибаомӯзии педагогӣ дар шакли шунидани ҳисоботи онҳо тариқи муаррифӣ (презентатсия) бо истифода аз воситаҳои иттилоотию иртиботӣ аз ҷониби ҳайати комиссия (роҳбари факултетӣ ва гуруҳӣ, методисти фанни педагогика ва психология) дар доираи низоми холгузорӣ-рейтингӣ ва бо гузоштани баҳо дар шакли баҳоҳои тавриқафӣ муайянгардида, дар варақаи санҷишӣ ва дафтарчаи имтиҳонии донишҷӯ бақайд гирифта мешавад.

12.Масъалаҳои таҷрибаомӯзӣ мунтазам дар ҷаласаҳои кафедра, садорат ва шӯроҳои олимони факултетҳо, раёсат ва шӯрои олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода мешавад.

13. Донишҷӯён дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ бояд корҳои зеринро иҷро намоянд:

-таҳлили мундариҷа ва самтҳои асосии фаъолияти педагогии муассисаи таълимӣ;

-иштирок дар машғулиятҳои дарсии синфҳое, ки ба онҳо вобаста шудаанд ва дар асоси мушоҳида муайян намудани муҳити иҷтимоӣ ва сабки муоширати хонандагон аз рӯи муносибати онҳо бо омӯзгор ва ҳамдигар;

- муайян намудани вазифаҳои таълиму тарбия дар асоси мақсади гузоштaшуда ва натиҷаҳои бадастоварда;

-таҳия ва шарҳи барномаи иҷро намудани талаботи таҷрибаомӯзӣ;

-моделсозии усулҳои ғайристандартии ташаккули шахсияти яке аз хонандагон оид ба самти интихобкардаи корҳои тарбиявӣ дар асоси мавриди омӯзиш қарор додани ӯ;

-фаъолона ташкил ва омода намудани корҳои муштараки эҷодӣ бо хонандагон;

-аз худ намудани усулҳои ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои дарсӣ, татбиқи вазифаҳои таълим, тарбия ва ташаккули шахсияти донишҷӯён;

-аз худ намудани технологияи нави таълим;

-ҷорӣ намудани унсурҳои гузаронидани таҷриба дар раванди таълиму тарбия;

- таҳлил ва муайян намудани масъалаи «Чӣ тавр ба ҳисоб гирифтани вазъи саломатии хонандагон дар фаъолияти рӯзмарраи омӯзгорӣ»;

- ташкил ва гузаронидани корҳои тарбиявӣ бо хонандагон дар асоси Консепсияи миллии тарбия;

- гузаронидани вохӯрӣ ва суҳбатҳо бо волидайни хонандагон бо мақсади татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд».

14. Рӯзномаи таҷрибаомӯзии педагогии донишҷӯ бояд ҳар ҳафта аз тарафи роҳбари гуруҳии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва масъули таҷрибаомӯзии педагогии муассисаи таълимӣ санҷида ва баҳогузорӣ карда шавад. Натиҷаи баҳои гузоштaшуда бояд дар журнали гуруҳи академӣ оид ба таҷрибаомӯзии педагогӣ ва нусхаи электронии он дар барномаи идоракунии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ саривақт ба қайд гирифта шавад.

15. Донишҷӯён дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ ба гуруҳҳо (ё зергуруҳҳо) вобаста карда шуда, вазифаи омӯзгори фаннӣ ва роҳбари синфро иҷро мекунанд.

16. Донишҷӯён дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ машғулиятҳои дарсиро тибқи нақшаи таълимии тақвимӣ, ҷадвали дарсӣ ва корҳои тарбиявиро аз рӯи нақшаи кории роҳбари синфе, ки ба он вобаста гардидаанд, мегузаронанд.

17. Донишҷӯёни курси 3-и ихтисосҳои алоҳида ва курси 4-и ихтисосҳои ҳамгиро таҷрибаомӯзии педагогиро таҳти роҳбарии бевоситаи омӯзгорони кафедраҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ гузаронида, дар давраи таҷрибаомӯзӣ бояд дар машғулиятҳои дарсӣ иштирок намуда, мустақилона на камтар аз 6 машғулияти дарсӣ ва

2 машғулияти беруназсинфӣ аз рӯи самт (ихтисос) ташкил ва баргузор намоянд.

18. Донишҷӯёни курси 3-и ихтисосҳои алоҳида ва курси 4-и ихтисосҳои ҳамгиро дар баробари гузаштан аз таҷрибаомӯзии педагогӣ (дар муҳлати се рӯз) ба роҳбари гуруҳӣ ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:

- нақшаи фардӣ (бапарвандаи шахсии донишҷӯ дӯхта мешавад);
- хислатнома аз тарафи маъмурияти муассисаи таълимӣ (ба парвандаи шахсии донишҷӯ дӯхта мешавад);
- рӯзномаи таҷрибаомӯзии педагогӣ;
- нақшаи тақвимии таълимӣ;
- ёддошт-конспекти машғулияти дарсӣ бо маводи дидактикӣ аз рӯи ихтисос;
- тавсифномаи психологӣ-педагогии шахсияти хонанда;
- ёддошт-конспекти машғулияти беруназсинфӣ аз фанни таълимӣ;
- шарҳи хаттии супориши эҷодӣ аз фанни педагогика;
- ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзии педагогӣ.

19. Донишҷӯёни курси 4-и ихтисосҳои алоҳида ва курси 5-и ихтисосҳои ҳамгиро дар баробари мустақилона ташкил ва гузаронидани на камтар аз 12 машғулияти дарсӣ ва 3 машғулияти беруназсинфӣ аз рӯи ихтисос, ҳамчунин супориши эҷодиро дар самти педагогӣ-психологӣ иҷро мекунанд, ки он аз рӯи панҷ бахши асосӣ (шахсияти хонанда, шахсияти омӯзгор, муоширати педагогӣ, сабки педагогӣ, маҳорати педагогӣ) натиҷагирӣ карда мешавад.

20. Донишҷӯёни гуруҳи мақсадноки курси 4-и ихтисосҳои алоҳида ва курси 5-и итисосҳои ҳамгиро метавонанд дар асоси пешниҳоди номгӯйи ҳуҷҷатҳо (аризаи шахсии донишҷӯ, дархости шуъбаи маорифи ноҳия ё шаҳр ва муассисаи таълимӣ бо додани кафолати бо ҷойи кор таъмин гардидан) ва донишҷӯёне, ки аз рӯи ихтисоси интихобкарда қарордоди сеҷониба ба имзо расонидаанд, ба ҳамон муассисаҳои таълимӣ ба ҷойи кори оянда тавсия карда шаванд.

21. Дар асоси ҷамъбасти таҷрибаомӯзии педагогӣ донишҷӯёни курси 4-и ихтисосҳои алоҳида ва курси 5-и итисосҳои ҳамгиро бояд ба роҳбари гуруҳӣ дар рӯзҳои ҳафтаи охири даври академӣ ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намоянд:

- нақшаи фардӣ (ба парвандаи шахсии донишҷӯ дӯхта мешавад);
-хислатнома аз тарафи маъмурияти муассисаи таълимӣ (ба парвандаи шахсии донишҷӯ дӯхта мешавад);
- рӯзномаи таҷрибаомӯзии педагогӣ;
- нақшаи тақвимии таълимӣ;
- ёддошт-конспект аз рӯи ихтисос;
- тавсифномаи психологӣ-педагогии ҳайати синф;
- ёддошт-конспекти машғулияти беруназсинфӣ;
- шарҳи хаттии супориши эҷодӣ аз фанни педагогика;
- ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзии педагогӣ.

22. Дар асоси ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида ва тавсифномаи донишҷӯ комиссия дар ҳайати намояндаи садорати факултет (роҳбари факултетӣ), кафедраи методикаи таълими фанни тахассусӣ (роҳбари гуруҳӣ), кафедраҳои самти педагогика (методисти педагогика) ва психология (методисти психология) дар ҳар курс оид ба таҷрибаомӯзии педагогӣ аз донишҷӯён ҳисобот қабул мекунанд.

23. Баҳои донишҷӯ аз рӯи тамоми шаклҳои таҷрибаомӯзии педагогӣ ба баҳоҳои қисми назариявии Барномаи асосии таҳсилот аз рӯи нақшаи таълимии ихтисоси амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ азхудкунанда баробар буда, ҳангоми ҷамъбасти дараҷаи азхудкунии талаботи он ба эътибор гирифта мешавад.

24. Конференсияи ҷамъбастӣ оид ба таҷрибаомӯзии педагогӣ баъд аз як ҳафтаи ба охир расидани даври академӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ баргузор карда мешавад.

## 5. ҲУҚУҚ ВА УХДАДОРИҲОИ ДОНИШҶӮ-ТАҶРИБАОМӮЗ

25. Донишҷӯи таҷрибаомӯз ҳуқуқ дорад:

-дар давраи гузаштани таҷрибаомӯзии педагогӣ аз рӯи тамоми масъалаҳое, ки ба миён меоянд, ҷиҳати кӯмак ба роҳбарони таҷрибаомӯзии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, маъмурият ва омӯзгорони муассисаи таълимӣ муроҷиат намояд;

-вобаста ба саволҳое, ки дар вақти таҷрибаомӯзӣ пайдо мешавад, аз роҳбарони гурӯҳӣ, маъмурият ва аз омӯзгорони муассисаи таълимӣ пурсон шавад;

-бо мақсадитакмил додани раванди таълиму тарбия, ворид намудани тағйироту иловаҳо дар низомномаи таҷрибаомӯзии педагогӣ бо пешниҳод муроҷиат намояд;

- дар конференсияҳо, ҷаласаи шӯрои педагогии муассисаи таълимӣ иштирок намояд;

- аз китобхона, кабинетҳои фаннӣ ва маводи таълимӣ-методии дар муассисаи таълимӣ мавҷудбуда ба таври васеъ истифода барад.

26. Донишҷӯи таҷрибаомӯз ухдадор аст, ки фаъолияти худро мутобиқи Оинномаи муассисаи таълимӣ ташкил карда, қоидаҳои тартиботи дохилии онро пурра риоя ва супоришҳои маъмурият ва роҳбарони таҷрибаомӯзиро иҷро намояд. Дар ҳолати риоя накардани муқаррароти мазкур донишҷӯ аз гузаштани таҷрибаомӯзии педагогӣ барканорва бо сабаби доштани қарзи академӣ аз рӯи ин шакли корҳои таълимӣ аз сафи донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ карда мешавад.

27. Донишҷӯи таҷрибаомӯз тамоми намуди корҳои тибқи барномаи таҷрибаомӯзӣ пешбинигардидаро саривақт иҷро намуда, худро бояд ҳамчун мутахассиси дорои дониши назариявӣ ва завқи баланд ба касби омӯзгорӣ нишон диҳад.

28. Донишҷӯи таҷрибаомӯз тавассути баргузории корҳои таълимию тарбиявӣ дар замири хонандагон ҳисси якдигарфаҳмӣ, шуурнокӣ,

ватанпарастӣ, меҳнатдӯстӣ, тарбияи эстетикӣ, ҷисмонӣ ва одобу ахлоқро бедор намояд.

29. Дар раванди таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ бояд худро ҳамчун мутахассиси ҷавони дорои хислатҳои баланди ахлоқӣ, ба хонандагон меҳрубон ва нисбати касби худ садоқатманд муаррифӣ намояд.

30. Ба донишҷӯ дар асоси пешниҳод намудани ёддошт-конспекти аз ҷониби роҳбари гурӯҳии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ё омӯзгори фаннии муассисаи таълимӣ тасдиқгардида барои гузаронидани машғулияти дарсӣ иҷозат дода мешавад.

31. Донишҷӯ бояд дар давраи гузаштан аз таҷрибаомӯзии педагогӣ дар курси 4-уми ихтисосҳои алоҳида ё дар курси 5-уми ихтисосҳои ҳамгиро:

- дар давоми на камтар аз ду ҳафта (4 рӯз) барои ташаккул додани маҳорату қобилияти ташкилотчигӣ бо шароит ва фаъолияти коргузории директор ва муовинони ӯ шинос шавад;

-бахшида ба ягон санади таърихӣ ё масъалаҳои мубрами соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ алоқаманд, як конференсияи амалӣ ташкил ва баргузор намояд;

32. Донишҷӯе, ки аз фанҳои тахассусӣ ва методикаи таълими онҳо қарзи академӣ дорад, барои гузаштан аз таҷрибаомӯзии педагогӣ роҳ дода намешавад.

33.Донишҷӯе, ки дар рӯзҳои як ҳафтаи даври академӣ дар таҷрибаомӯзии педагогӣ иштирок намекунад, бояд саривақт ба садорати факултет муроҷиат карда, то рӯзҳои ҳафтаи минбаъдаи таҷрибаомӯзӣ ҳуҷҷатҳои лозимиро пешниҳод намояд. Дар ҳолати пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ донишҷӯ аз гузаштани таҷрибомӯзии педагогӣ барканор ва бо сабаби доштани қарзи академӣ аз рӯи ин шакли корҳои таълимӣ аз сафи донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ карда мешавад.

34. Бадонишҷӯе, ки бо сабабҳои узрнок талаботи барномаи таҷрибаомӯзии педагогиро иҷро карда наметавонад, дар асоси пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда барои гузаштан аз таҷрибаомӯзии педагогӣ дар вақтҳои аз машғулиятҳои дарсӣ озод иҷозат дода мешавад.

## 6. РОҲБАРӢ БА ТАҶРИБАОМӮЗИИ ПЕДАГОГӢ

35. Масъулияти ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзии педагогӣ ба уҳдаи муовини ректор оид ба таълим, сардори раёсати таълим, роҳбари бахши таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавон, декани факултет, мудирони кафедраҳои методикаи таълими фанҳои тахассусӣ ва кафедраҳои умумидонишгоҳии самти педагогӣ ва психологии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вогузор карда мешавад.

36. Роҳбари шуъбаи(бахши) таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавон дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи уҳдадориҳои вазифавӣ барои ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзии педагогӣ масъул мебошад.

37. Дар факултет (ё шуъба) роҳбари таҷрибаомӯзии педагогӣ аз ҳайати профессорону омӯзгорони кафедраи методикаи таълими фанни тахассусӣ (ё кафедраҳои дигар) дар мувофиқа бо ректор (ё муовини ректор оид ба таълим) ва бо қарори шӯрои олимони факултет таъин карда мешавад. Роҳбари таҷрибаомӯзии педагогии факултет дар якҷоягӣ бо кафедраҳои самти педагогӣ ва психологии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ корҳои ташкилии таҷрибаомӯзии педагогиро ба уҳда дорад.

38. Роҳбарии бевоситаи таҷрибаомӯзии педагогии донишҷӯён ба уҳдаи роҳбари гуруҳӣ, ки бо пешниҳоди мудири кафедраи методикаи таълими фанни тахассусӣ аз тарафи декани факултет таъин мегардад,вогузор карда мешавад.

39. Роҳбари таҷрибаомӯзии педагогӣ аз факултет ва роҳбарони гуруҳӣ бояд аз ҳайати профессорону омӯзгорони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки дорои дараҷа ва унвони илмӣ ва собиқаи омӯзгорӣ мебошанд, таъин карда шавад.

## 7. УҲДАДОРИҲОИ РОҲБАРОНИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ПЕДАГОГИИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

40. Роҳбари шуъбаи (бахши) таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ:

- муассисаҳои таълимиро, ки ҳамчун пойгоҳи баргузории таҷрибаомӯзии педагогӣ муқаррар карда шудаанд, бо раёсати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мувофиқ месозад;
- ҷиҳати баргузории тамоми шаклҳои таҷрибаомӯзӣ бо ташкилоту муассисаҳои таълимӣ қарордод ба тасвиб мерасонад;
- нақшаи умумии муассисаи таҳсилоти олии касбиро оид ба гузаронидани таҷрибаомӯзии педагогӣ тартиб дода, тарзи дурусти банақшагирӣ ва ба қайд гирифтани натиҷаҳоро таъмин менамояд;
- конференсияҳои ифтитоҳӣ ва ҷамъбастии муассисаи таҳсилоти олии касбиро оид ба таҷрибаомӯзии педагогӣ ташкил ва баргузор намуда, дар кори конференсияҳои ифтитоҳӣ ва ҷамъбастии факултетҳо ширкат меварзад;
- фаъолияти роҳбарони таҷрибаомӯзии педагогии факултет ва гуруҳиро назорат намуда, нисбати бартараф кардани камбудию норасоиҳои ҷойдошта чораҳои амалӣ меандешад;
- дар баррасии масъалаҳои таҷрибаомӯзии педагогӣ ва такмили таҷрибаи ташкил ва гузаронидани он фаъолона иштирок намуда, дар ҷаласаҳои кафедраҳо ва шӯроҳои олимони факултетҳо баромад мекунад;
- ҳисоботи умумии муассисаи таҳсилоти олии касбиро оид ба таҷрибаомӯзии педагогӣ таҳия ва ба раёсати муассиса пешниҳод менамояд.

41. Садорати факултет:

- шароити мусоидро ҷиҳати аз таҷрибаомӯзии педагогӣ гузаштани донишҷӯён фароҳам оварда, иҷрои супоришҳои омӯзгоронро аз ҷониби онҳо дар давраи таҷрибаомӯзӣ таъмин менамояд;

- ташкил ва баргузории таҷрибаомӯзӣ ва дар мӯҳлати муайяншуда супоридани санҷишҳо ва ҳуҷҷатҳои ҳисоботии натиҷаи таҷрибаомӯзиро назорат мекунад;

- ба таври интихобӣ дар машғулиятҳои дарсӣ ва беруназсинфии донишҷӯён ва гузаронидани корҳои методӣ-фаҳмондадиҳӣ иштирок менамояд;

- ҳисоботи кафедраҳоро оид ба таҷрибаомӯзӣ дар Шӯрои олимони факултет баррасӣ мекунад;

- конференсияҳои ифтитоҳӣ ва ҷамъбастии факултетро оид ба таҷрибаомӯзии педагогӣ ташкил ва баргузор мекунад.

42. Роҳбари таҷрибаомӯзии педагогии факултет:

- банақшагирӣ, ташкил ва бақайдгирии натиҷаи таҷрибаомӯзии педагогиро дар факултет таъмин намуда, нақшаи умумии гузаронидани онро тартиб медиҳад;

- дар робита бо пойгоҳҳои гузаронидани таҷрибаомӯзии педагогӣ донишҷӯёнро ба ҷойҳои баргузории таҷрибаомӯзӣ тақсим мекунад, конференсияҳои ифтитоҳӣ ва ҷамъбастии факултетро баргузор ва оид ба масъалаҳои таҷрибаомӯзии педагогӣ намоишҳо ташкил менамояд;

- дар баррасии масъалаҳои таҷрибаомӯзии педагогӣ дар ҷаласаҳои кафедраҳо ва шӯроҳои олимони факултет иштирок ва бо пешниҳод баромад мекунад;

- фаъолияти роҳбарони гурӯҳӣ ва омӯзгорони муассисаи таълимиро оид ба ташкил ва баргузории таҷрибаомӯзии педагогӣ назорат ва ҳамоҳанг сохта, ба таври интихобӣ дар машғулиятҳои дарсии донишҷӯён иштирок ва раванди онҳоро таҳлил менамояд;

- ҷиҳати бартараф кардани камбудиву норасоиҳои раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ ба миёномада чораҷӯйӣ менамояд;

- ҳисоботи умумиро оид ба таҷрибаомӯзии педагогӣ омода сохта, онро на дертар аз се ҳафта пас аз ба охир расидани даври академӣ ба декани факултет пешниҳод менамояд.

43. Роҳбарони гурӯҳии таҷрибаомӯзии педагогӣ аз ҳайати профессорону омӯзгорони кафедраҳои методикаи таълими фанҳои тахассусӣ (ё кафедраҳои дигари факултет) таъин карда мешаванд.

44. Роҳбари гурӯҳии таҷрибаомӯзии педагогӣ:

- бо муассисаҳои таълимӣ робита намуда, бо омӯзгорони онҳо корҳои методӣ ва фаҳмондадиҳӣ мегузаронад;

-дар муассисаҳои таълимӣ дар якҷоягӣ бо омӯзгорони кафедраҳои фанҳои самти педагогӣ ва психологӣ конференсияҳои ифтитоҳӣ ва ҷамъбастӣ ташкил ва баргузор менамояд;

- дар мувофиқа бо роҳбари муассисаҳои таълимӣ тақсимоти донишҷӯёнро ба синфҳо гузаронида, бо омӯзгорони фаннии муассисаи таълимӣ мавзӯи машғулиятҳои дарсӣ ва корҳои беруназсинфиро барои таҷрибаомӯзии педагогӣ муайян мекунад;

- дар якҷоягӣ бо омӯзгорони кафедраҳои самти педагогӣ ва психологӣ ба донишҷӯён ҷиҳати таҳияинақшаҳои фардӣ тибқи барномаи таҷрибаомӯзии педагогӣ ёрии методӣ мерасонанд;

-бо донишҷӯён ҷиҳати гузаронидани машғулиятҳои дарсӣ ва беруназсинфӣ мусоҳиба намуда, иҷрои воқеии онро таъмин ва нақшаи ёддошт-конспектҳои онҳоро тасдиқ мекунанд;

-давомоти донишҷӯёни таҷрибаомӯзро дар машғулиятҳои дарсӣ ба қайд мегирад;

-дар на камтар аз 4 машғулияти дарсӣ ва 1 машғулияти беруназсинфии ҳар як донишҷӯитаҷрибаомӯз иштирок намуда, онро таҳлил ва баҳогузорӣ мекунад;

-дар якҷоягӣ бо омӯзгорони фанҳои педагогика ва психология рафти иҷрои нақшаҳои фардии донишҷӯёнро аз рӯи тамоми қисмҳои таҷрибаомӯзии педагогӣ назорат намуда, рӯзномаҳои таҷрибаомӯзии онҳоро мунтазам мавриди санҷиш қарор медиҳад;

-ҳуҷҷатҳои аз ҷониби донишҷӯён пешниҳодгардидаро ҷамъоварӣ ва таҳлил намуда, оид ба натиҷаҳои таҷрибаомӯзии педагогӣ ҳисобот тартиб медиҳад ва онро дар ҳафтаи дуюми баъд аз ба охир расидани даври академӣ ба роҳбари таҷрибаомӯзии педагогии факултет манзур месозад;

-дар кори конференсияҳои ифтитоҳӣ ва ҷамъбастӣ оид ба таҷрибаомӯзии педагогии муассисаи таҳсилоти олии кабӣ ва муассисаҳои таълимӣ фаъолона ширкат меварзад;

-дар ҳайати комиссия (бо омӯзгорони кафедраҳои самти педагогӣ ва психологӣ) ҳисоботи донишҷӯёнро шунида, мувофиқи ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида баҳои умумии онҳоро оид ба таҷрибаомӯзӣ мегузорад.

45. Методисти ихтисоси дуюм (дар ихтисосҳои ҳамгиро) аз ҳайати профессорону омӯзгорони собиқадори кафедраҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъин карда мешавад.

46. Методист аз рӯи ихтисос:

-дар конференсияҳои ифтитоҳӣ ва ҷамъбастӣ оид ба таҷрибаомӯзииии педагогии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои таълимӣ ширкат меварзад;

-иштироки донишҷӯёни таҷрибаомӯзро дар машғулиятҳои дарсӣ ва беруназсинфӣ аз рӯи ихтисос таъминва раванди дарсро таҳлил ва баҳогузорӣ менамояд;

бо донишҷӯён оид ба масъалаҳои ба мундариҷа ва ташкили корҳои таълимӣ-тарбиявии фанни таълимӣ алоқаманд, мусоҳибаҳои гуруҳӣ ё фардӣ мегузаронад;

-баргузории машғулиятҳои дарсиро аз ҷониби донишҷӯён бо истифода аз технологияҳои нави таълим ташкил менамояд;

-ба таври интихобӣ дар на камтар аз 4 машғулиятҳои дарсӣ ва 1 машғулияти беруназсинфии ҳар як донишҷӯ иштирок намуда, онҳоро таҳлил ва баҳогузорӣ мекунад;

-дар баҳодиҳӣ ба натиҷаи таҷрибаомӯзии педагогии донишҷӯён иштирок менамояд;

-ба омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ барои гузаронидани корҳо бо донишҷӯёни таҷрибаомӯз ёрии амалии методӣ мерасонад;

-маълумотро оид ба натиҷаи таҷрибаомӯзии педагогӣ ба роҳбари гуруҳӣ дар ҳафтаи дуюми баъд аз ба охир расидани даври академӣ пешниҳод менамояд.

47. Методистони фанҳои педагогика ва психология аз ҳайати профессорону омӯзгорони кафедраҳои самти педагогӣ ва психологии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ё кормандони муассисаҳои таълимӣ таъин карда мешаванд.

48. Методисти фанни педагогика:

-бо роҳбари синф ва муовини директор оид ба корҳои таълимӣ-методӣ робита менамояд;

-барои гузаронидани таҷрибаомӯзии педагогӣ тавсияҳо дода, дар ҷамъбасти натиҷаҳои он ва баҳогузорӣ ба фаъолияти донишҷӯён иштирок мекунад;

-супоришҳои эҷодӣ (дар вариантҳои тафриқавӣ) таҳия намуда, бо донишҷӯён оид ба масъалаҳои ба мундариҷа ва ташкили фаъолияти таълимию тарбиявӣ, татбиқи вазифаи тарбиявӣ ва инкишофдиҳанда доштани машғулиятҳои дарсӣ алоқаманд, мусоҳибаҳо мегузаронад;

-ба таври интихобӣ дар машғулиятҳои дарсӣ ва берунасинфии донишҷӯён иштирок намуда, онҳоро таҳлил ва баҳогузорӣ мекунад;

-дар интихоби афзалиятҳо ва барномаи фардӣ-эҷодии рушди омӯзгори ояндa ба донишҷӯёни таҷрибаомӯз ёрӣ мерасонад;

-иҷрои нақшаи фардии донишҷӯёнро дар самти корҳои тарбиявӣ назорат мекунад;

-оид ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ бо донишҷӯён мусоҳибаҳо мегузаронад;

-бо ҳар як донишҷӯ дар алоҳидагӣ суҳбати ниҳоӣ (ҷамъбастӣ) гузаронида, ба кори онҳо баҳогузорӣ менамояд;

-ба роҳбари гуруҳӣ барои навиштани ҳисобот мавод пешниҳод менамояд;

- дар кори конференсияҳои ифтитоҳӣ ва ҷамъбастӣ оид ба таҷрибаомӯзии педагогии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои таълимӣ фаъолона ширкат меварзад.

49. Методисти фанни психология:

- мутобиқати равонӣ (психологӣ)-и донишҷӯёнро ба шароити муассисаи таълимӣ, синф таъмин менамояд;

- оид ба омӯзиши психологӣ-педагогии хонандагон супоришҳо таҳия менамояд;

- ба таври интихобӣ дар машғулиятҳои дарсӣ ва берунасинфии донишҷӯён иштирок намуда, асосҳои психологии онҳоро таҳлил ва баҳогузорӣ мекунад;

- ба корҳои донишҷӯён оид ба омӯзиши шахсияти хонандагон ва ҳайати синф роҳбарӣ мекунад;

- оид ба масъалаҳои татбиқи амалии донишҳои психологӣ бо донишҷӯён мусоҳибаҳои фардӣ ва гуруҳӣ мегузаронад;

- дар кори конференсияҳои ифтитоҳӣ ва ҷамъбастӣ оид ба таҷрибаомӯзии педагогии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои таълимӣ фаъолона ширкат меварзад.

50. Кафедраҳои самти педагогӣ ва психологӣ, ки фаъолияти методистҳои кафедраҳои методикаи таълими фанҳои тахассусӣ ва роҳбарияти факултетро ҳамоҳанг месозанд, барои ташкили таҷрибаомӯзии педагогӣ масъул мебошанд.

51. Кафедраҳои самти педагогӣ ва психологӣ:

- ба ҷанбаҳои умумипедагогии донишҷӯён аз рӯи тамоми шаклҳои фаъолияти онҳо дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ роҳбарӣ мекунанд;

- мутобиқати равонӣ (психологӣ)-и донишҷӯёнро ба шароитҳоинав таъмин менамоянд;

- супоришҳои тафриқавии эҷодиро барои донишҷӯён таҳия карда, барномаи таҷрибаомӯзии педагогиро бо роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ баррасӣ менамоянд;

- барои ворид сохтани дастовардҳои илмӣ дар мундариҷа ва ташкили таҷрибаомӯзии педагогӣ ва шиносоии донишҷӯён бо технологияи нави таълим ва фаъолияти омӯзгор чораҳои мушаххас меандешанд;

- фаъолияти кафедраҳоро, ки дар ташкил ва гузаронидани таҷрибаи омузгорӣ иштирок намудаанд, бо ҳамдигар мувофиқ месозанд;

- таҷрибаомӯзонро бо адабиёти лозима ва маводи методии барои таҷрибаомӯзии педагогӣ зарурӣ таъмин менамоянд;

- таҷрибаи пешоҳанги ташаккули таҷрибаомӯзии педагогиро омӯхта, хулосабарорӣ мекунанд ва барои такмили он чораҳои мушаххас меандешанд;

- ба донишҷӯён дар ҳалли масъалаҳое, ки дар рафти таҷрибаомӯзӣ пайдо мешаванд, маслиҳатҳо медиҳанд;

- меъёрҳои дараҷаи ташаккули ҷаҳонбинии педагогӣ, мавқеи касбии омӯзгорӣ, қабули қарорҳои аз лиҳози технологӣ устуворро коркард мекунанд;

- рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ ва натиҷаҳои гузаронидани онро таҳлил намуда, дар ҷаласаҳои кафедраҳо, шӯроҳои олимони факултетҳо, раёсат ва шӯрои олимонимуассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди муҳокима қарор медиҳанд;

- ба роҳбари бахши таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба натиҷаҳои таҷрибаомӯзии педагогӣ ҳисобот медиҳанд.

52. Кафедраҳои методикаи таълими фанҳои тахассусӣ (соҳавӣ):

- раванди таълими касбии фанҳои тахассусӣ, омодагии баланди илмию назариявии таҷрибаомӯзон ва корҳои таълимӣ-тарбиявиро таъмин месозанд;

- роҳбарони таҷрибаомӯзии гуруҳиро муайян мекунанд;

- дар конференсияҳои ифтитоҳӣ ва ҷамъбастӣ доир ба таҷрибаомӯзии педагогӣ иштирок менамоянд;

- иштироки омӯзгоронро дар машғулиятҳои дарсӣ ва корҳои тарбиявии донишҷӯёни таҷрибаомӯз таъмин месозанд;

- донишҷӯёнро ба адабиёти зарурии таълимию методӣ таъмин мекунанд;

- намоиши маводҳоро оид ба таҷрибаомӯзии педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ ташкил мекунанд;

- оид ба масъалаҳои мубрами илми муосир, ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфии донишҷӯён аз рӯи ихтисос машваратҳобаргузор менамоянд;

- равиш ва натиҷаи таҷрибаомӯзии педагогиро дар ҷаласаҳои кафедра таҳлил мекунанд ва барои такмили он чораҳо меандешанд.

## 8. УҲДАДОРИҲОИ МАЪМУРИЯТ ВА ОМӮЗГОРОНИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ

53. Роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ё муовинони онҳо:

- барои ташкили таҷрибаомӯзии педагогӣ дар муассисаи таълимӣ масъул буда, роҳбарони таҷрибаомӯзии педагогиро дар муассиса таъин мекунанд;

- барои гузаронидани таҷрибаомӯзии педагогӣ шароити муосид фароҳам оварда, бо омӯзгорон, кормандони ёрирасон ва хонандагон оид ба масъалаҳои тачрибаомӯзии банақшагирифта кор мебаранд;

- донишҷӯёни таҷрибаомӯзро бо муассисаи таълимӣ, ҳайати омӯзгорон, ҳуҷҷатгузорӣ, пояи таълимӣ-методӣ (кабинетҳои фаннӣ, устохонаҳо, китобхона ва ғайра), ҳамчунин бо талаботи умумии тартиби ташкили корҳои таълимию методӣ, машғулиятҳои дарсӣ ва шаклҳои гуногуни корҳои беруназсинфӣ, бо фаъолияти кумитаи падару модарони хонандагон шинос мекунанд;

- ҷиҳати татбиқи барномаи тачрибаомӯзии педагогӣ ва нақшаҳои фардии донишҷӯён, онҳоро бо воситаҳои моддӣ-техникӣ ва ҳуҷраҳо барои гузаронидани машғулиятҳои методӣ таъмин мегардонанд;

- дар мувофиқа бо роҳбари гуруҳии таҷрибаомӯзии педагогӣ донишҷӯёнро ба синфҳо вобаста мекунанд;

- оид ба такмил додани таҷрибаомӯзии педагогӣ пешниҳод манзур месозанд;

- ҷиҳати натиҷагирии таҷрибаомӯзии педагогӣ ҷаласа доир менамоянд.

54. Омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ:

- донишҷӯёнро бо нақшаи корҳои таълимию тарбиявии синф шинос месозанд вабарои онҳо машғулиятҳои дарсӣ, корҳои беруназсинфӣ ташкил намуда, раванди онро таҳлил ва баҳогузорӣ мекунанд;

- дар якҷоягӣ бо роҳбари гуруҳии таҷибаомӯзии педагогӣ нақшаи тақвимии машғулиятҳои дарсиро дар давраи тачрибаомӯзии педагогӣ тартиб дода, иҷрои корҳои беруназсинфиро оид ба фанни таълимӣ ба нақша мегиранд;

- бо донишҷӯён ҷиҳати омодагӣ барои баргузор намудани шаклҳои гуногуни машғулиятҳои дарсӣ ва корҳои беруназсинфӣ мусоҳибаҳо гузаронида, нақшаҳои дарсии яксоатаидарназардоштаро мавриди санҷиш ва тасдиқ қарор медиҳанд;

- дар таҳлил ва баҳодиҳии ҳар як машғулияти дарсии аз ҷониби донишҷӯёни таҷрибаомӯз баргузоршуда иштирок мекунанд;

- ба донишҷӯёни таҷрибаомӯз тавсифнома дода, корҳои онҳоро дар давраи таҷрибаомӯзӣ аз рӯи ихтисос баҳо медиҳанд;

- дар ҷаласаҳои роҳбари муассисаи таълимӣ оид ба таҷрибаомӯзии педагогӣ иштирок менамоянд;

55. Роҳбари синф:

- донишҷӯёнро бо ҳайати синф, муносибатҳои фардӣ, дараҷаи азхудкунӣ ва давомоти онҳо шинос мекунад;

- бадонишҷӯён ҳангоми таҳияи нақшаи корҳои тарбиявӣ кӯмак мерасонад;

- дар машғулиятҳои дарсиибо хонандагони синф баргузорнамудаи донишҷӯёни таҷрибаомӯз иштирок намуда, онҳоро таҳлил ва баҳогузорӣ мекунад;

-ба корҳои донишҷӯён оид ба масалаҳои омӯзиши хонандагон роҳбарӣ мекунад;

- ба донишҷӯён тавсифнома дода, корҳои тарбиявии онҳоро баҳогузорӣ менамояд.

56. Муовинони директори муассисаҳои таълимӣ оид ба корҳои таълимию тарбиявӣ:

-донишҷӯёни таҷрибаомӯзро бо нақшаи корҳои тарбиявии хонандагони муассисаи таълимӣ шинос мекунанд;

- ба донишҷӯёни таҷрибаомӯз ҷиҳати банақшагирӣ ва гузаронидани корҳои коллективӣ-эҷодӣ кӯмак мерасонанд;

- барои донишҷӯёни таҷрбаомӯз машғулиятҳои методӣ ташкил мекунанд;

- ба таври интихобӣ дар машғулиятҳои дарсҳои тарбиявии донишҷӯёни таҷрибаомӯз ва муҳокимаи натиҷаи онҳо иштирок менамоянд;

- дар корҳои роҳбарони синф бо донишҷӯёни таҷрибаомӯз ёрии амалӣ мерасонанд.

## 9. ҲАҶМИ САРБОРИИ ТАЪЛИМИИ РОҲБАРОНИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ПЕДАГОГӢ

57. Ҳаҷми сарбории таълимии роҳбарони таҷрибаомӯзии педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо назардошти миқдори ҳафтаҳо вавобаста ба шакли роҳбарӣ ба як нафар донишҷӯ ба тариқи зайл муқаррар карда мешавад (замимаи 1):

-дар курси 3-юми ихтисосҳои алоҳида ва дар курси 4-уми ихтисосҳои ҳамгиро барои роҳбари факултетӣ – 1 соат, барои роҳбари

гурӯҳӣ (аз кафедра) – 12 соат, барои методисти фанни педагогика – 2 соат ва барои методисти фанни психология – 1 соат;

-дар курси 4-уми ихтисосҳои алоҳида ва дар курси 5-уми ихтисосҳои ҳамгиро барои роҳбари факултетӣ – 1 соат, барои роҳбари гурӯҳӣ (аз кафедра) – 18 соат, барои методисти фанни педагогика – 3 соат ва барои методисти фанни психология – 2 соат;

58. Ҳаҷми сарбории таълимии роҳбарони таҷрибаомӯзии педагогии муассисаҳои таълимӣ бо назардошти миқдори ҳафтаҳои таҷрибаомӯзӣ ва вобаста ба шакли роҳбарӣ ба як нафар донишҷӯ ба тариқи зайл муқаррар карда мешавад (замимаи 2):

-дар курси 3-юми ихтисосҳои алоҳида ва дар курси 4-уми ихтисосҳои ҳамгиро барои директори муассисаи таълимӣ – 0,5 соат, барои омӯзгори фаннӣ – 6 соат, барои роҳбари синф – 1 соат ва барои масъули таҷрибаомӯзӣ – 0,5 соат;

-дар курси 4-уми ихтисосҳои алоҳида ва дар курси 5-уми ихтисосҳои ҳамгиро барои директори муассисаи таълимӣ – 0,5 соат, барои омӯзгори фаннӣ – 9 соат, барои роҳбари синф – 1,5 соат ва барои масъули таҷрибаомӯзӣ – 1 соат;

Замимаи 1

## Ҳаҷми сарбории таълимии роҳбарони таҷрибаомӯзии педагогии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

| № | Роҳбарони таҷрибаомӯзии педагогӣ | Аз рӯи барномаи асосӣ дар курси: | | Аз рӯи барномаи асосӣ ва иловагӣ | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 3-юм | 4-ум | 4-ум | 5-ум |
| 1 | Роҳбари факултетӣ | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 2 | Роҳбари гуруҳӣ (аз кафедра) | 12 | 18 | 12 | 18 |
| 3 | Методисти педагогика | 2 | 3 | 2 | 3 |
| 4 | Методисти психология | 1 | 2 | 1 | 2 |
| | Ҳамагӣ: | 16 | 24 | 16 | 24 |

Замимаи 2

## Ҳаҷми сарбории таълимии роҳбарони таҷрибаомӯзии педагогии муассисаҳои таълимӣ

| № | Роҳбарони таҷрибаомӯзии педагогӣ | Аз рӯи барномаи асосӣ дар курси: | | Аз рӯи барномаи асосӣ ва иловагӣ | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 3-юм | 4-ум | 4-ум | 5-ум |
| 1 | Директори муассиса | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 0,5 |
| 2 | Омӯзгори фаннӣ | 6 | 9 | 6 | 9 |
| 3 | Роҳбари синф | 1 | 1,5 | 1 | 1,5 |
| 4 | Масъули таҷрибаомӯзӣ | 0,5 | 1 | 0,5 | 1 |
| | Ҳамагӣ: | 8 | 12 | 8 | 12 |